# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович 01 феврали соли 1981 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2002 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси системаҳои итттилоотии автоматикунонидашуда ва коркарди ахбори иқтисодӣ бо дипломи аъло хатм намудааст.

Солҳои 2002-2003 ҳамчун омӯзгори фанни информатика дар МТМУ №34 ноҳияи Бобоҷон Ғафуров фаъолият намудааст.

Солҳои 2004-2008 ҳамчун ассистенти кафедраи системаҳои ахборотӣ-ҳисоббарории (ҳоло технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт) Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз соли 2008 инҷониб дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳамчун муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт фаъолият менамояд.

Аз соли 2017 то инҷониб унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 26 январи соли 2017, протоколи №5 тасдиқ гардидааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 4 (хуб) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Лутфулоев М.Д. дар як қатор конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро оид ба бобҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович худро ҳамчун таҳқиқотчии фаъол нишон дода, барои омода намудани рисолаи номзадӣ аз адабиёти ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз доираи фаъолияти ӯ дарак медиҳанд. Оид ба мавзӯи рисолаи номзадӣ унвонҷӯ дар маҷмӯъ 25 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақсади асосии диссертатсияи Лутфулоев М.Д. аз асоснокгардонии муқаррароти илмию назариявӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба рушди савдои чакана дар асоси татбиқи технологияҳои рақамӣ, инчунин таҳияи самтҳои асосии такмили механизми таъмини он мебошад.

Натиҷаи кор нишон медиҳад, ки довталаб ба мақсади зикршуда ноил гаштааст ва ҳамаи вазифаҳои муқарраргашта ҳалли худро ёфтаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи “Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)” рисолаи мустақилона ва дар мавзӯи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) тавсия мегардад.

Роҳбари илмӣ:
Муовини ректор оид ба илм ва
робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р.

*Имзои Шаропов Ф.Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ